Протоколи № 4

Маҷлиси васеи Шурои олимони факултети иқтисодии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

аз 26 ноябри соли 2022 ш. Хуҷанд

**Иштирок доштанд:**

Нуриддинова М.И. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, раиси маҷлис
Қодиров А.Л. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
Исмоилов М.М. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
Абдуллозода Д.Х. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
Қодирова Г.А. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент;
Исматова С.А. - сармуаллима;
Дадохӯҷаев А.А. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
Ҷӯраев М.Б. - сармуаллим;
Ҳамидова С.Ҳ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
Мамадов С.В. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
Саторрова М.Р. - номзади илмҳои иқтисодӣ,дотсент;
Алиҷонов Ҷ.А. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
Шарипова Д.М. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
Олимӣ Р.Л. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
Ҳотамов А.Р. - сармуаллим;
Қурбонова Ш.Х. - сармуаллима;
Ҳасанова Н.Ҷ. – номзади илмҳои иқтисодӣ, сармуаллима;
Раҳматова Н.М. - сармуаллима;
Зоидова Т.М. – сармуаллима

Баррасии диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи саёҳии вилояти Суғд)" аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт

**Шунида шуд:** Нуриддинова М.И. н.и.и., дотсент, декани факултети иқтисодӣ, раиси маҷлис. Раиси маҷлис қайд намуданд, ки дар маҷлиси васеи шӯрои олимони факултет диссертатсияи унвонҷӯ Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)" барои муҳокима баррасӣ карда мешавад. Муқарризони холис: д.и.и, профессор Бойматов Алиҷон Азизович ва н.и.и, Ҷабборов Абдурашит Абдукамолович ба ҳисоб рафта, диссертатсияро чанд

муддат таҳлил намуда, айни замон хулоса ва фикру дархости худро манзури аъзоёни шуро менамоянд.

Барои баррасӣ ва пешниҳоди маърӯза ба унвонҷӯ 20 дақиқа, барои муқарризон то 15 дақиқа барои саволу ҷавоб ба унвонҷӯ ва дигар даромадҳо то 5 дақиқа вақт ҷудо карда шуд.

Баромад кард: Сабуров И.М. - унвонҷӯ мӯҳтавои диссертатсияи илмиро ба маълумоти аъзоёни шуро расонида, аз ҷумла қайд намуд:

Сайёҳӣ дар ҷаҳон яке аз соҳаҳои рушди босамари иқтисодӣ ва сердаромад ба шумор меравад. Сайёҳӣ ба сифати яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва рушди иҷтимоию фарҳангӣ хидмат менамояд. 22-юми декабри соли 2017 дар Паёми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, соли 2018-ро Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуданд ва ин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Ҳадаф аз ин иқдом рушди соҳаи сайёҳӣ, муаррифии муносиби имкониятҳои сайёҳӣ ва фарҳанги миллии кишвар дар арсаи байналмиллалӣ, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ мебошад. Истифодаи сайёҳӣ имкон медиҳад, ки тамоми иқтисоди миллии кишвар такмил дода шавад. Дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва баланд бардоштани мувозинати савдои хориҷӣ нақши муҳим мебозад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Муқаррароти назариявӣ ва таҳияи як қатор муаллифони пешбари ватани ва хориҷӣ дар соҳаи усулҳои иқтисодию риёзӣ ва иқтисодиёти сайёҳӣ дар рафти тадқиқ, таҳлил истифода шудаанд. Ин барои васеъ намудани маводи ташхисӣ, тадқиқоти диссертатсионӣ ва муайян кардани самтҳои тараққиёти соҳаи сайёҳӣ, барои баровардани хулосаҳо имконият дод.

Ба тадқиқи муаммоҳои макро ва микро иқтисодии ташкил ва идоракунии соҳаи сайёҳӣ ва сохтори рекреатсионӣ олимони ватанию хориҷие машғул буданд. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои амсиларони рушди маҷмааи сайёҳӣ, ҷамъшавии сармоя аз ҷониби мамбаҳои гуногун ва коркарди амсилаҳои амалан татбиқшаванда ба таври систематики имрӯз ҳал нашуда боқӣ мемонад.

**Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ** таҳияи маҷмуи амсилаҳои иқтисодӣ ва математикӣ дар асоси омӯзиши равандҳои сайёҳӣ дар минтақа мебошад, ки барои таҳлили вазъи кунунӣ ва таъмини рушди соҳаи сайёҳӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи иқтисоди миллӣ пешбинӣ шудаанд.

Дастрасии мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ ва ҳалли як қатор масъалаҳои аз ҷиҳати илмӣ-методӣ ва амалӣ алоқамандро тақозо намуд, ки дар вазифагузорӣ ифода ёфтаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот дар ҳалли чунин масъалаҳои ифода меёбад:**

Барои ноил шудан ба мақсади пешбинишудаи дисертатсия ҳалли вазифаҳои зеринро ба миён гузоштаем: таҳқиқи мӯҳтавои мафҳумҳои соҳаи сайёҳӣ; муайян намудани нақш ва мавқеи соҳаи сайёҳӣ дар системаи иқтисоди миллӣ, муайян кардани таъсири иҷтимоӣ-иқтисодии он ба ҷомеа; таҳлили нишондиҳандаҳое, ки ба тавсифи натиҷаҳои фаъолияти соҳаи сайёҳӣ ва муайян намудани омилҳои асосии рушди соҳаи сайёҳӣ равона шудаанд; муайян намудани талабот дар шароити ташаккули бозори дохилии хизматрасониҳои сайёҳӣ ва ташаккули алоқаи он бо бозори ҷаҳонӣ нисбат ба вазифаҳои рушди комплексии соҳаи сайёҳӣ дар минтақа; омӯзиши амсилаҳои иқтисодӣ ва математикии ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти соҳаи сайёҳӣ, равиш ва усулҳои ҳалли масъалаҳои рушд дар маҷмуи сайёҳӣ ҳамчун системаи мураккаби ичтимоию иқтисодӣ ва муайян намудани самтҳои асосии такмили усулҳои оптималӣ гардонидани рушди соҳаи сайёҳии минтақавӣ; коркарди амсилаи динамикии рушди маҷмуи сайёҳӣ барои баҳодиҳӣ, ҳисоб, муқоиса ва интихоби вариантҳои оптималӣ, амалӣ сохтани интихоби оқилонаи меъёри оптималии вариантҳои тараққии сайёҳӣ, тартиб додани асосҳои ташаккул ва танзими минтақавии рушди сайёҳӣ ва сиёсати ягонаи давлатӣ.

**Тадқиқоти дар доираи рисолаи диссертатсионӣ гузаронидашуда ба такмили амсиласозии рушди соҳаи сайёҳӣ дар шароити рақамӣ кардании иқтисодиёт нигаронида шуда, ба мо имкон дод, ки хулоса ва пешниҳодҳои асосии зеринро таҳия намоем:**

1. Таҳқиқи бозори сайёҳӣ дар асоси равиш чун системаи дорои сохтори хоси дохилӣ ва иборат аз элементҳои иерархии бо ҳам алоқаманд, хусусиятҳои хоси рушди соҳаи сайёҳиро дар Тоҷикистон, дар заминаи вазъи макроиқтисодии бозорӣ ошкор намуд.

2. Муҳтавои мафҳумҳои маҷмуи сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ, масъалаҳои иқтисодии сайёҳӣ муайян карда шудааст. Дар натиҷа дар низоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ нақш ва мавқеи сайёҳӣ муайян гардад. Ба рушди нишондиҳандаҳои сайёҳӣ таъсири омилҳо арзёбӣ гардиданд. Ҳамчун система бо сохтори дохилии худ ва муносибатҳои алоҳида омӯзиши сайёҳӣ ҳамчун бозор гузаронида шуд. Хусусияту марҳалаҳои хоси инкишофи сайёҳӣ дар асоси муносибати системавӣ дар Тоҷикистон ошкор гардиданд.

3. Назарияи амсиласози, равишҳои методологии рушди сайёҳӣ таҳлил ва ҷамъбаст карда шудаанд. Ислоҳоти иқтисодӣ ва дар бахши сайёҳӣ ҷой доштани таъсири омилу нишондиҳандаҳои зиед, интихоби варианти беҳтарин таҳияи амсилаҳои иқтисодю математикиро тақозо кардааст. Таҳлили усулҳои асосии рушди сайёҳӣ ва таснифи амсилаҳои фаъолияти сайёҳӣ сурат гирифт.

4. Сарфи назар аз истифодаи васеъ ва гуногунҷанбаи усулҳои иқтисодӣ ва математикӣ дар ҳалли масъалаҳои гуногуни фаъолияти сайёҳӣ амсилаҳо ва

усулҳои оптималӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳӣ такмили минбаъдаро тақозо мекунанд. Чунин коркардҳо махсусан дар замони ҳозира саривақта мебошад.

5. Тадқиқи рушди соҳаи сайёҳӣ ва вобаста ба он ҳалли масъалаҳои ташаккули механизми самараноки воридшавии ҳаҷми калони сармоягузориҳои дарозмуддат ва истифодаи онро, чӣ дар байни сохторҳои сайёҳӣ ва чӣ дар сатҳи давлат тақозо менамояд. Асосноккунии назариявии интихоби самтҳои баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ ва зарурати ташкили сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ эҳтиёҷоти зиёди гузаронидани тадқиқоти раванди сармоягузориро дар соҳаи сайёҳӣ ба вуҷуд меорад.

6. Барои оптимиалӣ гардонидани рушди сайёҳии минтақавӣ амсилаи математики иқтисодӣ ва алгоритми татбиқи он таҳия ва пешниҳод шудааст. Амсилаи пешниҳодшудаи ҷолибияти сармоягузорӣ ба иншооти мавҷуда ва нав ба истифода додашавандаро дар пураги акс медиҳад. Дар асоси тавозуни иқтидорҳои талаботдошта, иқтидорҳои ҷолибияти сармоягузориро амсилаи пешниҳодшуда имкон медиҳад дар ҳаҷми вобаста ба пайдарпаии сохторҳои мухталиф ва объектҳои сармоягузории зарур муайян гардад. Аз руи сохтор, давраҳо ва динамикаи оптималии инкишофи сайёҳӣ дар самтҳои гуногун ҳаҷми маблағгузории тараққиёт муайян карда мешавад.

7. Барномаи рушди МС ва баромадани он ба реҷаи кории оптималӣ вақтро талаб менамояд. Барои киёсмандӣ ҳамаи харҷҳо, натиҷаҳо бояд ба лаҳзаи ибтидоии иҷрои мақсад оварда шаванд. Аз ин бармеояд, ки МС-и рушдкунанда низоми иқтисодии динамикӣ мебошад ва дар он харҷи маблағҳои гуногунвақта ва натиҷаҳои амалкарди рушд дида мешавад. Амсилаи коркардшудаи оптималӣ гардонидани давра ба давраи маҷмуи сайёҳӣ барои ҳалли чунин гузориши масъала равона гашта аст.

8. Дар амсилаи динамикӣ, ҳангоми интихоби варианти рушди маҷмааи сайёҳӣ чун меъёри оптималӣ нишондиҳандаи камшавии фоидаи мутлақи барзиёди сармоягузорӣ истифода шудааст.

9. Ҳадаф аз офаридани амсилаи оптималӣ гардонидани барномаҳои рушди маҷмааи сайёҳӣ ба ҳисоб гирифтани омилҳои иҷтимоӣ дар рушди сайёҳии минтақавӣ; азнавсозии иншооти сайёҳӣ ва пайдарпаиҳои сохтмон; механизми ташаккули хизматрасониҳои маҷмуии сайёҳӣ бо категорияҳои гуногуни хизматрасонӣ; талаботи бозор ба хизматҳо бо назардошти бозори байналмилалӣ ва дохилии хизматрасонии сайёҳӣ мебошад.

10. Таъмини шароити муътадили фаъолияти механизми бозор, таъсир ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва шароити бозор, таҳияи консепсияи ягонаи рушди сайёҳӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва татбиқи афзалиятҳои иқтисодию иҷтимоии давлатӣ ин танзими давлатии рушди сайёҳӣ мебошад. Мақсадҳои мақомоти давлатӣ мазмуни танзими давлатии сайёҳиро муайян менамояд.

Давлат барои амалӣ гардонидани ин сиёсат воситаҳои худро истифода мебарад.

11. Истифодаи амсилаи математикии иқтисодии пешниҳодшуда ва алгоритми татбиқи он дар оптимиалӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба сайёҳӣ ба зудӣ барнамегардад ва то 6 солро дар бар мегирад. Рушди сайёҳӣ, чунон ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, бо ба даст овардани самараҳои иҷтимоӣ ва ба ин монанд алоқаманд аст ва ин аҳаммияти ҷомеъи дорад.

12. Барои дастгирии барномаҳои рушди сайёҳӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ тадбирҳои мушаххас бояд андешида шаванд, ба монанди имтиёзҳои андоз, кам намудани фоизҳои қарзҳо ва субсидияҳо ба арзиши роҳхатҳои сайёҳони ватанӣ.

Пас аз шунидани диссертатсияи Сабуров И.М. дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи саёҳии вилояти Суғд)" аъзоёни факултет ба қисми саволу ҷавоб шурӯъ намуданд:

1. Алиҷонов Ҷ.А. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент:

Саволҳо: а) Дар тадқиқоти шумо мааҷмаи сайёҳии вилояти Суғд дар таҳлил қарор дода шудааст ё не ?

б) Дар шароити ҳозира рушди соҳаи сайёҳӣ ва солҳои охирро чӣ хел мебинед ва дар кадом ҳолат қарор дорад, махсусан дар вилояти Суғд ?

2. Сатторова М.Р. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент:

Саволҳо: а) Сармоягузориҳо ба соҳаи сайёҳӣ аз тарафи ки сармоягузорӣ карда мешавад ?

б) Амсилае, ки шумо истифода бурдед чи афзалият дорад ва ба ҳалли кадом масъалаҳо равона карда шудааст ?

3. Абдуллозода Д.Х. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент:

Саволҳо: Мундариҷаи боби 3-и диссертатсия ва параграфҳои онро манидод намоед ?

Ба саволҳое, ки аз тарафи аъзоёни шӯрои олимони факултет дода шуд аз тарфи унвонҷӯ ҷавобҳои мушаххас пешниҳод гардид.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Қодиров А.Л. баромад намуда, нуктаҳои асоии таткиқоти илмиро баён намуд. Қайд гардид, ки мавзӯи тадқиқоти унвонҷӯ хеле актуалӣ ба ҳисоб рафта, барои рушди иқтисодиёти минтақаҳои вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин саҳмии он дар инкишофи соҳаҳои ҳаётан муҳим хеле ба маврид ва саривақтӣ мансуб меёбад.

Раиси маҷлис навбатро барои пешниҳоди хулосаву дархостҳо дар бобати диссертатсияи Сабуров И.М. ба муқарризон дод.

**Шунида шуд:** Муқарризи якум Бойматов А.А. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор:

Бо баробари расидан ба истиқлолияти давлатӣ ҳукумати мамлакат навобаста аз мушкилоти дохиливу берунӣ ба рушди сайёҳӣ таваҷҷӯҳи хосса зоҳир намуд. Ин аст, ки бо ибтикори сарвари давлат соли 2018 Соли рушди сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шуд. Рушди соҳаи сайёҳӣ на танҳо дар пешрафти иқтисодиёти кишвар нақши муассир дорад, балки барои муаррифии арзишҳои милливу таърихӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Омӯзиш ва таҳқиқи марҳилаҳои таърихии соҳаи сайёҳӣ маҳз дар замони истиқлолияти давлатӣ пешрафти тоза пайдо карда дар қатори самтҳои дигари илму технология мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Рисолаи номзадии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд) аз муҳимтарин корҳои илмӣ дар ин самт мебошад, ки муаллиф барои ноил гаштан ба мақсадҳои гузошта шуда, аз маҷмӯи усулҳои таҳқиқоти иқтисодӣ аз ҷумла таҳлил, синтез, қиёс, индуксия, дедуксия, таҳлил оморӣ ва таҳқиқоти монографӣ ва ғ. огоҳона истифода намудааст. Инчунин муаллифи рисола дар асоси таҳлили илмӣ асосҳои назарияҳои сайёҳии минтақаро низомбандӣ намудааст, ки имконияти ворид намудани саҳеҳӣ ба мафҳум ба миён омодааст.

Мундариҷа ва мухтавои рисола шаҳодат медиҳад, ки рисолаи мазкур кори ба пуррагӣ баанҷомрасида буда, муҳимтарин навгониҳои илмро дар бар мегирад. Натиҷагирӣ хулосаҳо ва тавсияҳои рисоланавис метавонад барои рушди илми иқтисолиёти муосири ватанӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварад.

Мавзӯи таҳқиқот, мазмуну мухтавои рисола, мақолаҳои интишорнамудани муалллиф ба ихтисоси 08.00.09. – методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт ба пуррагӣ мувофиқат менамояд.

**Шунида шуд:** Ҷаборов А.А. - номзади илмҳои иқтисодӣ:

Равшан аст, ки омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисодиёти ватанӣ ба хусус соҳаи сайёҳӣ маҳз дар замони истиқлолияти давлатӣ рангу равнақи тоза гирифта, дар қатори самтҳои дигари илму технологияи навин ба риштаи таҳқиқ кашида шуд.

Рисолаи номзадии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд) бо назардошти дарёфти заминаҳои рушди иқтисодиёти ватанӣ таълиф гардида, фарогири муҳимтарин иттилоот ва усулҳои наву замонавӣ дар соҳаи сайёҳӣ мебошад. Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт

таркиб ёфта, 175 саҳифаи матни чопӣ, 15 ҷадвал, 6 расм ва 150 номгӯи адабиётро дарбар гирифтааст.

Муқаддимаи рисола ба меъёрҳои таълифи рисолаҳои номзадии соҳаи мазкур ҷавобгӯ буда, дар он мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, навгониҳо ва арзиши татбиқи таҳқиқот огоҳона муайян карда шудааст.

Бо назардошти ин матлаб муаллифи рисола истифодаи амсилаи математикии иқтисодиро пешниҳод намуда, алгоритми татбиқи онро дар оптимиалӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд ва самтҳои инкишофи танзими давлатии рушди сайёҳӣ бо истифода аз банақшагирии стратегӣ пешкаш намудааст.

Муаллиф такмили амсиласозии рушди соҳаи сайёҳӣ ва амалияи онро дар шароити иқтисодиёти рақамии ватанӣ ва минтақавӣ таъкид намуда, як қатор пешниҳодҳои арзишманди худро пешкаш менамояд ва таъкид медорад, ки “Меъёрҳои динамикии рушд водор менамояд, ки амсилаҳои динамикӣ-оптимизатсионӣ пешниҳод гарданд, ки ин мувофиқи гузориши масъала мебошад. Дар фосилаи муайяни вақт вариантҳои рушди низом ба арзёбиҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо ташаккули ин арзёбиҳо инъикос дода мешавад”(15).

Мазмун ва мундариҷаи рисола омилҳо ва заминаҳои рушди соҳаи сайёҳиро бо истифода аз амсилаҳо ва амсилаҳои математикӣ дар бар гирифтааст, ки бо ин таҳқиқот ва тавсияҳои илмӣ ҷанбаҳои назарӣ ва амалии рисола таъмин гардидааст.

Дар маҷмӯъ, рисолаи номзадии Сабуров Ихтиёр Мухидинович мазмун ва муҳтавои таҳқиқотро ба пуррагӣ фаро гирифтааст.

Рисолаи номзадии Сабуров Ихтиёр Мухидинович дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд) кори ба анҷомрасида буда, ба меъёрҳои таълифи рисолаҳои номзадӣ ба пуррагӣ ҷавобгӯ мебошад ва барои пешниҳод ба ҳимоя дар Шурои дисертатсионӣ 6Д.КОА-045 - назди МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” тавсия дода мешавад.

Унвонҷӯ Сабуров И.М пешниҳод ва эродҳое, ки аз тарафи муқарризон пешниҳод гардид, қабул намуд.

Пас, аз анҷоми муҳокима ва саволу ҷавоб оид ба диссертатсияи унвонҷӯ Сабуров И.М. дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)” Шурои олимони факултет:

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Сабуров И.М. дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон

(дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ(инструменталӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D КОА-045- назди МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” пешниҳод карда шавад.

2. Таклифу дархост, эродҳои муқарризони расмӣ ва дигарон ба инобат гирифта шуда, дар коркарди ояндаи диссертатсия мавриди истифода қарор дода шавад.

3. Аз роҳбарияти Шурои диссертатсионии 6D.КОА-045- назди МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” хоҳиш карда мешавад, ки диссертатсияи унвонҷӯ Сабуров И.М. барои зинаи навбатӣ ва ҳимоя қабул намоянд.

Хулоса дар маҷлиси васеи Шурои олимони факултети иқтисодии МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” қабул карда шудааст. Дар овоздиҳӣ оид ба масъалаи мазкур 19 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ чунин муайян гардид: “Тарафдор” 19 нафар; “Зид” – нест; “Бетараф” – нест

Протоколи № 4 аз 26 ноябри соли 2022 тасдиқ карда шудааст.

**Раиси Шурои олимон**
декани факултети иқтисодии
МДТ “ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров”
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Нуриддинова М.И.**

**Котиби Шурои олимони**
**факултети Иқтисодии**
МДТ “ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров” **Зоидова Т.М.**

Имзои Нуриддинова М.И., Зоидова Т.М.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси**
МДТ “ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров” **Наврӯзов Э.М.**

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
телефон: (+992 34 22) 6-52-73,
Факс: (+992 34 22) 6-75-18
e-mail: rector@hgu.tj